**“Ҳақиқати Ӯзбекистон”, №21 (7068),**
**18 феврали 1966, с. 4.**

*Мероси гузаштагонро меомӯзем*

## Адибе аз Тирмиз

Ҳамон навъе ки олимони бостоншинос тадқиқу таҳқиқ кардаанд, мавзеи Тирмиз аз давраҳои қадим маскани маърифат ва маркази илму тамаддун будааст. Ин сарзамини пурфайз дар синаи худ чандин арбобони бузурге парваридааст, ки Мунҷики Тирмизӣ (асри X), Адиб Собири Тирмизӣ (асрҳои XI-XII), Хоҷа Самандари Тирмизӣ (асри XVII) аз ҷумлаи онҳо ба шумор мераванд.

Ҳоло мақсад дорем, ки хонандагони мӯҳтарам, муштоқони каломи бадеъро бо баъзе лаҳзаҳои ҳаёти Хоҷа Самандари Тирмизӣ, бо бузургтарин мероси адабӣ ва илмии «Дастур-ул-мулук» мухтасаран шиносонем. Гуфтан лозим аст, ки ҳаёт ва эҷодиёти ин шахси мӯътабар алҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст ва дар ин кори хайр танҳо қадамҳои нахустин гузошта шуда истодаанд...

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик - Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ, ки худ муосири Хоҷа Самандар аст, дар тазкираи «Музокир-ул-асҳоб» доир ба ин нависанда чунин гуфтааст: «Самандархоҷа... тахаллуси... Бақохоҷа раиси Насаф аст». Малеҳо сухани худро давом дода менависад: “Шунидам, ки аз айёми хурдӣ, ки аҳди туфулият аст, то ба ин вақт, ки айни камолу бузургист, чунин буда, ки лаҳза-лаҳза асари меҳртулӯи камолаш дар тазойид (зиёдшавӣ) ва ламьа-ламъа ахтари лумӯи ҷамолаш дар тараққӣ”. Малеҳо боз менависад, ки Хоҷа Самандар дар соли 1100 (1689) дар фазлу дониш шахси баркамоле буда, ба шӯҳрати сазоворе соҳиб аст. Ӯ навиштааст: “Ба тасойид-ул-вақт дар ин таърих (ки) ҳазору сад аст, чунон ба ҷамъ-ул-камолот гардида, ки комилони хирадпеша (ва) оқилони савобандеша дар фаҳму фаросати ӯ ҳайронанд”.

Ҳамон навъе ки Малеҳо шаҳодат медиҳад, Хоҷа Самандар дар солҳои 90-уми асри XVII раиси Насаф (Қаршӣ) будааст. Худи Хоҷа Самандар дар асараш қайд кардааст, ки ба ин мансаб - раисии Насаф ду бор, бо танаффусе таъин шудааст.

Аз мероси адабӣ ва илмии Хоҷа Самандари Тирмизӣ ҳоло танҳо «Дастур-ул-мулук» асари ӯ маълум мебошад, ки он дар солҳои 1664-1695 ба анҷом расидааст. Хоҷа Самандар асари худро ба мисли Ҷувайнӣ, Маҷди Хавофӣ, Гуронӣ, Ҷомӣ, Хуррамӣ, Қосим, Қоонӣ, Садри Зиё ва дигарон дар таъсир ва пайравии “Гулистон”-и Саъдӣ навиштааст. Вале «Дастур-ул-мулук» аз «Гулистон» ва аксари назираҳои он фарқи калон дорад, ки яке аз чунин тафовутҳои муҳим қисман характери илмӣ доштани “Дастур-ул-мулук” аст. Боби XXI, ки ҳаҷман аз бобҳои дигар хеле калон мебошад, яъне аз се ду ҳиссаи тамоми асарро ташкил менамояд, манбаи муҳимми таърихӣ буда, доир ба таърихи нимаи дуйӯми асри XVII Осиёи Миёна ва Афғонистон, аҳволи халқ (махсусан мардуми Насаф, Самарқанд, Балх) маълумоти пурқимат медиҳад.

«Дастур-ул-мулук» намунаи барҷастаи насри бадеии асри XVII ҳисоб меёбад, ки муаллиф дар он бисьёр ҳодисаю воқеаҳоро бо обу ранги бадей ва бо забони ширину латиф нақл намудааст. Масъалаҳои адолат, накӯкорӣ, маҳкум кардани золимӣ, ҳаққимардумхӯрии аҳли табақаи боло ва ғайра дар маркази “Дастур-ул-мулук” қарор гирифтаанд. Чунончи, ӯ дар як чанд нақлу ривоятҳо ҳарисию мумсикӣ, ришвахӯрию ватанфурӯшии қозии Насаф - Қозӣ Бадеъ ва золимию тороҷгарии ҳоким - Муҳаммадхонбии Юзро сахт масхара ва танқид менамояд. Масалан, дар ин хусус ҳикояти (шартан) “Қӯноқ”-ро аз назар мегузаронем. Рӯзе гузари мири Насаф Муҳаммадхонбии Юз ба Сарон ном дашти Насаф афтода, дар он ҷо “қӯноқи коштаи шахсеро” мебинад. Мир мефармояд, ки қӯноқи норасидаро ҳар рӯз “ба аспони ӯ бидиҳанд, то фарбеҳ шаванд”. Дили Хоҷа Самандар ба ҳоли деҳқони камбағал

месӯзад ва ӯ ин ҳолати ҳузнангезро ин тариқа тасвир кардааст, ки кас симои ҳақиқии деҳқони асри XVII-ро баръалло пеши назар меорад:

«Пирдеҳқон ҳайронӣ бар лавҳи замири худ нигошта, ки қӯноқи коштаи ӯ хӯроки аспони хосса гашта. Оби дида ва сӯзи синаро шафеъ оварда, ки арзан дар бисот надорад. Чун сари ҷуворӣ гардан каҷ карда, бо дили шикаста ... монанди панҷшоха даст бар осмон кушода, чун ғирбол чашм бар замин дӯхта, бо дили сӯхта дона-дона ашки ҳасрат мебориду касе ҷӯи ғами ӯро намехӯрд...».

Хоҷа Самандар, ки дар он асно раиси Насаф буд, ба миёна даромада, аз мир Муҳаммадхонбии Юз хоҳиш менамояд, ки аз ин кирдори ношоиста боз гардад. Вале ин кӯшишҳои ӯ натиҷае набахшиданд: «тири илтимос бар ҳадафи қабул нарасид».

Нависанда танҳо як рафтори Муҳаммадхонбии Юзро нақл карда, баъд тамоми хислатҳои нафратовари ин шахси шумро кушода мепартояд: «Дар айёми ҳукумати ӯ чун нури оташ ба он дуд ҳамсоя будам, монанди гул ба он хор ҳамнишинӣ мекардам - на бар - фузалои замон аз ӯ бахшоише дидам ва на бар шаҳру саҳро аз ӯ осоише фаҳмидам". Сипас нависанда аз фард ба ҷамъ (тип) гузашта, масъаларо умумият медиҳад, ки ин хеле аҷиб аст:

"Аҷаб тоифае, ки ҳар ҷо қарор гирифтанд, қарор аз он диёр рафт; ба ҳар ҷо, ки нишастанд, қиёмат бархост ва ба ҳар мавзее, ки фаромаданд, амният аз он ҷо рахт барбаст".

Дар «Дастур-ул-мулук» панду насиҳати гаронбаҳо, ки адиб онҳоро аз таҷрибаи рӯзгор ҷамъ намудааст, бисьёр дида мешаванд.

Аксари пандҳои ин адиби нуктасанҷ дар радифи ҷамъияти инсонӣ бақо доранд ва асрҳо мардумро тарбият менамоянд. Масалан: «Азизи ман! Забони сулҳомез ба як нукта сад уқдаи мушкилро ҳал намояд ва сухани шӯрангез ба як ишорати бемаҳал гардани гӯяндаро баста гардонад".

Нависанда барои таъсирбахш ва барҷастаю мӯъҷаз ифода намудани марому мақсадҳои худ аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ махсусан саҷъ, ташбеҳ, тавсиф, киноя, ирсоли масал ва ғайра моҳирона истифода намудааст. Масалан, ӯ таъсири рӯҳбахши номаи дӯсташ Мирзо Юсуфро ба худ, ки аз гармои тобистон ва шиддати хастакунандаи рӯза ба як ҳолати нотавоние расида буд, ба воситаи санъатҳои саҷъ ("афсурда" ва "пажмурда", "саратон" ва "рамазон"), ташбеҳ ("Дили чун ғунча пажмурда") ва ғайра ба ин тариқа дилкашу муассир инъикос кардааст: "Дили афсурда, ки аз гармии саратон ва аз ҳарорати рамазон чун ғунча пажмурда шуда буд, шукуфтагии тамом бахшид".

Умуман, "Дастур-ул-мулук" ба аҳамияти калони адабӣ ва илмӣ молик буда, омӯхтану нашр кардани он аз вазифаҳои зарури навбатии адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**Аспирант**

